Ба Шӯрои диссертатсионии
6D.KOA-014 дар назди
Донишгоҳи давлатии молия ва
иқтисоди Тоҷикистон Суроға:
734067, ш. Душанбе, кӯчаи
Нахимов 64/14

**ТАҚРИЗИ**

**муқарризи расмӣ ба ба диссертатсияи Халифазода Саидаҳтам дар мавзуи «Такмили низоми маъмурикунонии андоз дар шароити муосир (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз.**

**Мутобиқати диссертатсия ба ихтисосҳо ва самтҳои илм, ки аз рӯи онҳо диссертатсия ба ҳимоя пешниҳод шудааст.** Диссертатсияи илмии Халифазода Саидаҳтам дар мавзуи «Такмили низоми маъмурикунонии андоз дар шароити муосир (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон)», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз, ба бандҳои зерини Шиносномаи феҳристи ихтисосҳои Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз мутобиқат мекунад: б.1.1. Равандҳои методологию сохтории ташаккули системаи молиявӣ; б.1.3. Назария ва методологияи таъсири системаи молиявӣ дар рушди иқтисодиёт; б.2.4. Пешгӯӣ ва банақшагирии буҷетию андозӣ дар иқтисоди бозорӣ; б.2.5. Танзими андоз дар бахшҳои иқтисодиёт; б.2.6. Назарияи танзими системаи буҷетию андозӣ; б.2.9. Асосҳои назариявӣ, афзалиятҳои сиёсати андозӣ ва самтҳои асосии ислоҳоти системаи андозӣ.

**Мубрам будани мавзуи таҳқиқоти пешниҳодшуда.** Дар замони соҳибистиқлолии Тоҷикистон бинобар сабаби ворид шудан ба низоми нави муносибатҳои бозорӣ тамоми ҷараёнҳои молиявӣ ва иқтисодӣ бознигарӣ шуда, такмили низоми андозбандӣ ва маъмурикунонии он вобаста ба талаботи замон мубрамтар мегардад, ки ин мазмун мустақиман аз дастуру иршодоти Пешвои муаззами миллат вобаста ба зарурати таҳриру бозбинии муқаррароти Кодекси андоз бармеояд.

Ҳамзамон, мубрамии мавзуи таҳқиқгардида аз муқаррароти асноди барномавии рушд, ки аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар замони истиқлолият қабул гардидааст, бармеояд. Муаллифи таҳқиқот исбот сохтааст, ки сарфи назар аз таҳрирҳои чандинкаратаи Кодекси андоз ҳанӯз ҳам дар меъёрҳои қонунгузории андоз ва мутаносибан дар маъмурикунонии он камбудиҳо ва рахнаҳо ба назар мерасанд. Аз ин рӯ, ба хотири таъмини суботи молиявии кишвар ва фаъолияти муназзами ниҳодҳои давлатӣ зарурати такмили маъмурикунонии андоз дуруст ва саривақтӣ ба назар мерасад.

**Дараҷаи навгонии натиҷаҳои дар диссертатсия бадастомада ва нуқтаҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод мешаванд:**

Дараҷаи навгонии таҳқиқоти баррасишаванда бо он таъйид мегардад, ки дар он ҷанбаҳои назариявӣ ва методологии низоми маъмурикунонии андоз, ки ҳадафи ниҳоиаш саривақт ҷамъ овардани маблағҳои андозу пардохтҳо ба буҷети давлат мебошад, илман асоснок карда шудааст. Ба муаллиф муяссар шудааст, ки унсурҳои зерини навгонии таҳқиқотро исбот намояд:

1. Таърифи муаллиф оид ба мафҳуми «маъмурикунонии андоз» пешниҳод гардидааст, ки андешаҳои то ин дам баёнкардаи олимони ватанию хориҷиро пурраю мукаммал сохтааст.

2. Такмили низоми андозбандӣ, тавсеаи самаранокии фаъолияти мақомоти андоз, беҳтар намудани сатҳ ва сифати хизматрасонӣ ба андозсупорандагон барои иҷрои уҳдадориҳои андозиашон, назорати самаранокии истифодаи имтиёзҳои андозӣ ҳамчун вазифаи асосии такмили такмили низоми маъмурикунонии андоз масъалагузорӣ шудаанд.

3. Дар натиҷаи таҳлили амиқи ҳолати муосири низоми андоз дар Тоҷикистон, раванди маъмурикунонии андоз, ки баҳисобгирии объектҳои андозбандӣ ва ба андозбандӣ алоқаманд, назоратҳои андозӣ, меъёру имтиёзҳои андозӣ, чораҳои маҷбуран ситонидани қарзҳои андозиро дар бар мегирад, муаллиф нишондиҳандаҳои асосии баҳои самаранокии фаъолияти мақомоти андозро муқоиса ва арзёбӣ кардааст.

4. Дар натиҷаи таҳлили воқеии ҳолати низом, муаллиф самтҳо ва роҳҳои асосии такмили низоми маъмурикунонии андозро дар Ҷумҳурӣ пешниҳод намудааст.

5. Таҳқиқоти анҷомдода ба муаллиф имкон додааст, ки чораҳои танзими давлатии такмили низоми маъмурикунонии андозро муайян ва мушаххас кунад.

6. Муаллиф модели баҳои самаранокии низоми маъмурикунонии андозро таҳия ва пешниҳод кардааст, ки ҷамъоварии саривақтии маблағҳои андозӣ ва дигар пардохтҳои ҳатмӣ, истифодаи самараноки имтиёзҳои андозӣ, ҳавасмандии молиявии андозсупорандагон, сарфаи вақти андозсупорандагон, бо хароҷоти камтар иҷро намудани уҳдадориҳои андозӣ дар ниҳояти кор, боиси бештар ворид гардидани андозу пардохтҳо ба буҷети давлатӣ мегарданд.

Нуктаҳои ҳимояшавандаи диссертатсия:

1. Таърифи ҷадиди мафҳуми маъмурикунонии андоз аз дидгоҳи муаллиф комилтар ба назар мерасад: «маъмурикунонии андоз шомили маҷмуи қоидаҳо, тадбирҳо ва фишангҳои дастаҷамъонаи бо ҳам алоқаманд буда, ба кам намудани хароҷот ва сарфаи вақт барои иҷрои уҳдадориҳои андозӣ, бартарият додан ба худҳисобкунии (ихтиёран ҳисобкунии) андозҳо, додани афзалият ба андозсупорандагони бомасъулият, беҳтаршавии воридоти андозу пардохтҳо ба буҷети давлатӣ равона шудааст».

2. Дар заминаи омӯзиши таҷрибаи кишварҳои рушдкардаи иқтисодӣ, муаллиф усулҳо ва вазифаҳои асосии маъмурикунонии андозро дар шароити муосир таҳлил ва муайян кардааст.

3. Унвонҷӯ нишондиҳандаҳои асосии самаранокии фаъолияти мақомоти андозро дар асоси таҳлили ҳолати муосири низоми андозу андозбандӣ ва вазъи имрӯзаи маъмурикунонии андоз дар Тоҷикистон муайян, муқоиса ва баҳодиҳию натиҷагирӣ кардааст.

4. Самтҳо ва роҳҳои асосии такмили низоми маъмурикунонии андоз ба андешаи муаллиф инҳоянд: «дар доираи ҳукумати электронӣ ва бо истифода

аз технологияҳои муосир ва рушди иқтисоди рақамӣ ба роҳ мондани ҳамгироии иттилоотӣ байни вазорату идораҳо, истифодаи низоми пешқадами назорату санҷишҳои андозӣ, меъёр ва усулҳои нави андозбандӣ ва ҳавасмандии иқтисодии фаъолияти соҳибкорӣ ва дар ин замина ҷалби бештари сармояҳо ба иқтисодиёти ҷумҳурӣ», ки дар умум асоснок ва мантиқӣ ба назар мерасанд.

5. Чораҳои пешниҳоднамудаи муаллиф дар самти танзими давлатии ташаккул ва такмили низоми маъмурикунонии андоз, ки «тавассути ба роҳ мондани низоми муосири андозӣ, беҳтарсозии сатҳу сифати маъмурикунонии андоз, аз ҷумла назоратҳои андозӣ, танзими саривақтии воридшавии маблағҳои андозӣ ба буҷети давлатӣ асос ёфта, ба амалкарди самаранокии низоми андоз мусоидат менамояд», аз нигоҳи илмӣ асоснок мебошанд.

6. Муаллиф модели илман асоснокшудаеро оид ба самаранокии низоми маъмурикунонии андоз коркард ва пешниҳод кардааст, ки ҳадафи ниҳоии маъмурикунонии андозро дар ҷамъоварии саривақтии маблағҳои андозӣ, иҷрои саривақтии уҳдадории андозӣ ва сарфаи вақти андозсупорандагон барои иҷрои уҳдадориҳои андозӣ ва беҳтар намудани муҳити фаъолияти соҳибкорӣ меҳисобад.

**Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳои дар диссертатсия зикршуда:**

Таҳқиқоти тақризшаванда аз дараҷаи баланди эътимоднокӣ бархурдор аст, чунки дар он масъалаҳои мубрами самти такмили маъмурикунонии андоз таҳлил гардида, тавассути маълумотҳои дақиқи соҳавӣ асоснок карда шуда, пайдарпайии таҳқиқи назария, методология ва амалия дар сатҳи зарурӣ таъмин карда шудааст. Натиҷаҳои илмии диссертатсия аз он ҷиҳат судманд мебошанд, ки муаллиф таҷрибаи калони амалӣ дар самти маъмурикунонии андоз дошта, дар раванди таҳқиқот аз усулҳои: монографӣ, таҳлили оморӣ, математикӣ - иқтисодӣ, демографию қиёсӣ ва таҷрибавию озмоишӣ истифода бурдааст, ки дар ниҳояти кор, истифодаи усулҳои мазкур натиҷабахшии низоми маъмурикунонии андоз ва идораи самараноки мақомоти андоз,

чорабиниҳои дастаҷамъонаи назоратҳои андозӣ, асоснок намудани натиҷаҳои назариявӣ - амалӣ, хулосаю пешниҳодҳоро таъмин намудааст.

Ҳамин нуктаро бояд ёдовар шуд, ки пешниҳоди алоҳидаи муаллиф аз ҷониби Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қисман дар рафти таҳияи Кодекси андоз, ки аз 01.01.2022 мавриди амал қарор дорад ва тағийру иловаҳои ба он воридшуда, қисман ба инобат гирифта шуда, инчунин дар оянда бо мақсади такмили қонунгузории андоз ва маъмурикунонии андозҳо метавонанд мавриди истифода қарор дода шаванд.

Тавсияҳои кори илмӣ метавонанд ҳангоми такмил ва татбиқи сиёсати андоз бо роҳи маъмурикунонии андозҳо, ҷорӣ намудани шаклҳои муосир ва пешқадами маъмурикунонӣ, аз ҷумла назоратҳои андозӣ, таъмини фаъолияти самараноки мақомоти андози кишвар мавриди истифода қарор дода шаванд.

**Аҳамияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия бо нишон додани тавсияҳо оид ба истифодаи онҳо:**

Чуноне аз баррасии мазмуну мундариҷаи диссертатсия бармеояд, натиҷаҳои илмии диссертатсия ба ташаккули ҷанбаҳои назариявӣ - методологии низоми маъмурикунонии андоз ва рушди низоми андозбандӣ дар ҷумҳурӣ мусоидат намуданашон мумкин аст. Аҳамияти амалии натиҷаҳои диссертатсия бо он асоснок мегардад, ки аллакай як қисми тавсияҳои илмӣ - амалии кори диссертатсионӣ, дар мақомоти андоз, ки барои ҳисоб ва пардохти андозҳо ва дигар пардохтҳои ҳатмӣ ба буҷети давлатӣ масъуланд, мавриди истифода қарор гирифтаанд. Аҳамияти иқтисодию иҷтимоии натиҷаҳои ноилгардидаи муҳаққиқ дар он зоҳир меёбад, ки дастовардҳои назарраси таҳқиқотро ҳангоми такмили сиёсати андоз, дар раванди татбиқи амалии сиёсати андоз, инчунин дигар мақомоти дахлдор, ки дар ҷараёни маъмурикунонии андозҳо ва дигар пардохтҳои ҳатмӣ ба буҷет иштирок менамоянд, истифода бурдан имконпазир аст.

Ҳамзамон, тавсияҳои диссертант баҳри рушди низоми андозӣ, беҳтар намудани маъмурикунонии андозҳо, баланд бардоштани сатҳу сифати хизматрасонӣ ба андозсупорандагон ва ҷамъоварии андозҳо, дигар

пардохтҳои ҳатмӣ ба буҷет, коҳиши меъёрҳои андозҳо, ташкили ҷойҳои нави корӣ ва таъмини шуғли аҳолӣ равона карда шудаанд.

**Нашри натиҷаҳои диссертатсия дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ:**

Довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ вобаста ба мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ 9 кори илмӣ таҳия ва нашр намудааст, ки аз он аз ҷумла 6 - тои он дар маҷаллаҳои шомили феҳристи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр шудаанд, ки ҳаҷми умумии онҳо 3,1 ҷузъи чопиро ташкил медиҳад. Натиҷаҳои асосии таҳқиқот дар мақолаҳои илмии муаллиф дарҷ гардидаанд.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссия:**

Дар маҷмуъ, барасмиятдарории диссертатсия ба талаботҳое, ки дар “Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ”, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни 2021 сол таҳти №267 тасдиқ карда шудааст, мутобиқат мекунад.

**Мундариҷаи кор. Ҷанбаҳои мусбӣ ва норасоиҳо.**

Таҳқиқоти диссертатсионии тақризшаванда аз муқаддима, се боб, хулоса ва пешниҳодҳо, рӯйхати адабиётҳои истифодашуда иборат буда, муҳтавои кор дар 192 саҳифаи матни компютерӣ баён гардидааст, ки шомили 23 ҷадвал, 3 диаграмма ва 8 расм мебошад. Феҳристи адабиёти истифодашуда 165 номгӯй сарчашмаҳои мавриди истифода қароргирифта, аз ҷумла муаллифони ватанӣ ва хориҷиро дар бар мегирад.

Дар муқаддима, мубрамии мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ асоснок карда шуда, дараҷаи таҳқиқи он арзёбӣ гардида, объект ва мавзуи таҳқиқот, ҳадаф ва вазифаҳои он, асосҳои назариявӣ ва методологӣ, навгониҳои илмӣ, аҳамияти назариявӣ ва амалии он муайян карда шудаанд. (саҳ. 4-14).

Муқаддима мувофиқи талаботи «Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсияҳо» ба расмият даровараа шуда, тартиби ҷобаҷогузории бандҳо риоя гардидааст. Мақсадгузорӣ, масъалагузорӣ, унсурҳо ва нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда ба таври мантиқӣ бандубаст гардидааст.

Дар боби якум - «Ҷанбаҳои назариявӣ - методологии ташаккул ва такмили низоми маъмурикунонии андоз» асосҳои назариявӣ - методологии маъмурикунонии андоз дар шароити муосир, принсип ва вазифаҳои асосии ташаккул ва рушди низоми маъмурикунонии андоз ва таҷрибаи хориҷӣ оид ба такмили маъмурикунонии андоз баён гардидааст (С.15-68).

Дар доираи боби мазкур усулҳо ва вазифаҳои асосии низоми маъмурикунонии андозро баррасӣ намуда, муаллиф, такмили низоми маъмурикунонии андозро самти муҳими таъмини самаранокии низоми андозӣ ҳисобида, татбиқи амалии онро дар шароити муосир ба як қатор тадбирҳо, аз ҷумла: баҳисобгирии андозсупорандагон ва объектҳои андозбандӣ; амалӣ намудани низоми самараноки маъмурикунонии андоз; баинобатгирии манфиатҳои иштирокчиёни муносибатҳои андозӣ; ҳавасмандгардонии иқтисодии субъектҳои хоҷагидорӣ; такмили муқаррарот оид ба маъмурикунонии андоз ва низоми амалкарди он дар кодекси андоз; қонунӣ, объективӣ, самаранокӣ, дастрасӣ ва ошкоро будани иттилоот оид ба раванди андозбандӣ ва самтҳои хароҷоти андозҳо ва пардохтҳои ба буҷет ҷамъоваришуда; дар раванди маъмурикунонии андоз ба масъалаҳои назорати андоз, ки фишанги муҳим ба ҳисоб меравҳанд, диққати махсус додан марбут донистааст.

Муаллиф дуруст қайд кардааст, ки «ҳамбастагии байни самаранокии фаъолияти мақомоти андози ҷумҳурӣ аз сатҳи ба роҳ мондани низоми маъмурикунонии андоз вобаста аст». Чунки ба андешаи унвонҷӯ, самаранок амал намудани фишангҳои назорату санҷишҳои андозӣ ва танзими давлатии низоми андозӣ, ба мисли назорати камералӣ ва санҷишҳои андозӣ имконият медиҳад, ки назорати баҳисобгирии андозсупорандагон, объектҳои андозӣ ва ба андозбандӣ алоқаманд дуруст роҳандозӣ ва воридоти маблағҳои андозӣ ба буҷет таъмин карда шавад.

Дар ҳамин боб, таҷрибаи роиҷи кишварҳои хориҷӣ дар самти маъмурикунонии андоз мавриди таҳқиқ қарор гирифта, дар заминаи омӯзиши таҷрибаи мазкур, аз ҷумла таҷрибаи давлатҳои рушкардаи иқтисодӣ (ИМА,

Ҷопон, Олмон ва ғайра) ва кишварҳои рушдёбанда ба мисли Россия, Беларус, Гурҷистон ва Ӯзбекистон муаллиф ба хулосае омадааст, ки масъалаи низоми андозбандӣ, бахусус, маъмурикунонии андоз, бе низоми ҳавасмандгардонии иқтисодии субъектҳои соҳибкорӣ ва дастгирии давлатӣ ғайримкон буда, сабаби асосии самараи пасти низоми маъмурикунонии андоз - ин дуруст амал накардани фишангҳои ташкилӣ - иқтисодӣ мебошад. Воқеан, чӣ тавре муаллиф қайд кардааст, омӯзиши таҷрибаи мазкур баҳри такмили низоми маъмурикунонии андози ҷумҳурӣ заминаҳои мусоид фароҳам оварданаш мумкин аст.

Дар боби дуюм - «Арзёбии вазъи низоми андоз ва маъмурикунонии он дар Тоҷикистон» таҳлили вазъи низоми андозӣ ва андозситонӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, арзёбии баҳои самаранокии маъмурикунонии андоз дар шароити муосири иқтисодӣ ва нишондиҳандаҳои асосиии баҳои низоми маъмурикунонии андоз баҳодиҳӣ ва натиҷагирӣ карда шуданд (С.69-122).

Натиҷаҳои ба дастовардаи муаллиф дар чорчӯбаи ин боб арзиши баланди илмию амалӣ доранд. Хусусан, усул ва нишондиҳандаҳои самаранокии низоми маъмурикунонии андозро дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон муаллиф баҳогузорӣ намуда, чунин хулосабандӣ кардааст, ки вобаста ба имконияту иқтидори минтақаҳо, рушди иқтисодӣ – иҷтимоиро ба инобат гирифта, объектҳои андозбандӣ ва бақайдгирии онҳоро дар мақомоти андоз дуруст баҳогузорӣ намуда, нақшаи қисми даромади буҷети давлатиро дуруст ва асоснок пешбинӣ намудан зарур аст. Аз тарафи дигар, ба андешаи муаллиф, бо роҳи амалисозии дурусти маъмурикунонии андозҳо, ҳиссаи андозҳои мустақим дар қисмати воридоти буҷети давлатӣ зиёд карда шуда, ин имкон медиҳад, ки адолати андозӣ таъмин карда шуда, бевосита даромади бадастоварда таҳти андозбандӣ қарор дода шавад.

Унвонҷӯ дуруст қайд кардааст, ки вобаста ба даромад ҳисоб ва пардохт намудани андозҳо ҷиҳати таъмини адолати андозӣ ва то ҳадди имкон маҳдуд намудани ҳиссаи андозҳои ғайримустақим дар қисмати даромади буҷети давлатӣ бо роҳи такмили қонунгузории андоз ва дуруст ба роҳ мондани

фаъолияткунандаро таъкид карда, исбот кардааст, ки дар сурати дуруст ба роҳ мондани маъмурикунонии баҳисобгирии даромадҳои андозбандишавандаи ин гурӯҳ андозсупорандагон, ки ҳиссаашон дар воридоти андозӣ зиёда аз 70%-ро ташкил медиҳад, имконияти зиёд кардани воридоти андозҳо ва дигар пардохтҳои ҳатмӣ ба ҳисоби миёна ба андозаи 7 - 8% фароҳам меояд.

Воқеан, «ноил гардидан ба ин ҳадафҳо танҳо дар мавриди дуруст ба роҳ мондани маъмурикунонии баҳисобгирии объектҳои андозбандӣ ва ба андозбандӣ алоқаманд, пеш аз ҳама бо роҳи ташкили ҳамгироии иттилоотии самаранок бо андозсупорандагон, махсусан бо андозсупорандагони дар низоми умумии андозбандӣ фаъолияткунанда ва мақомоти дахлдори давлатӣ муяясар мегардад».

Новобаста аз дастовардҳои болозикр, диссертатсияи Халифазода Саидаҳтам аз баъзе камбудию нуқсонҳо холӣ нест, чунончи:

1. Қисмати назариявии таҳқиқот, хусусан, таърихи низоми андозбандӣ, хеле муфассал дода шудааст. Хубтар мешуд, ки муаллиф, қисмати мазкурро ҳамчун натиҷаи мубоҳисаи илмӣ ба таври муъҷаз баён намуда, ба таҳлили объекти таҳқиқо мегузашт.

2. Муаллиф дар зербоби 1.3. «Таҷрибаи хориҷӣ оид ба такмили низоми маъмурикунонии андоз» (саҳ.49-66) ба хулосае омадааст, ки «сабаби асосии самараи пасти низоми маъмурикунонии андоз - ин дуруст амал накардани фишангҳои ташкилӣ - иқтисодӣ мебошад». Вале, оид ба фишангҳои мазкур маълумот надодааст.

3. Дар кор теъдоди зиёди маводи графикӣ пешниҳод шудааст. Хубтар мешуд, ки баъзе аз ҷадвалҳои калонҳаҷм дар шакли замима дар охири диссертатсия дода мешуданд.

4. Муаллиф самаранокии фаъолияти корманди мақомоти андозро таҳлил намуда, ба хулосае омадааст, ки дар ин самт камбудиҳо ҷой доранд, вале ин камбудиҳоро мушаххас накардааст.

5. Дар диссертатсия баъзе хатогиҳои услубӣ ба назар мерасанд.

Вале, нуқсонҳои ҷойдошта ба осонӣ бартарафшаванда буда, характери тавсиявӣ доранд ва арзиши баланди илмию амалии диссертатсияро коста намегардонанд.

Автореферати диссертатсия тибқи талаботи мавҷуда таҳия ва бандубаст гардида, муҳтавои таҳқиқоти анҷомёфтаро ба пуррагӣ инъикос мекунад.

**Хулосаи ҷамъбастӣ оид ба диссертатсия:**

Диссертатсияи илмии «Такмили низоми маъмурикунонии андоз дар шароити муосир (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон)», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз, таҳқиқоти ҳамаҷониба мустақилона анҷомёфта ва баитмомрасида маҳсуб ёфта, дорои навгонӣ, арзиши баланди илмӣ буда, ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, муаллифи он Халифазода Саидаҳтам сазовори додани дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз мебошад.

**Муқарризи расмӣ, д.и.и., профессор,**
**профессори кафедраи молияи**
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон** **Улуғхоҷаева Х.Р.**

**Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, маҳаллаи Буни Ҳисорак,
бинои таълимии 8.
Телефон: +922 (37) 21 7711,
+ 992 919 63-27-76
Факс: +922 (37) 21 7711
**Сомона:** www.tnu.tj

**Имзои д.и.и., профессор Х.Р. Улуғхоҷаеваро тасдиқ мекунам:**

**Сардори Раёсати кадрҳо**
**ва корҳои махсуси ДМТ** **Тавқиев Э.Ш.**

13.02.2023